**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руи ихтисоси 6D010300 – Педагогика ва психология (6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот)**

Дар хусуси таълиму тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ як қатор таҳқиқоти илмӣ гузаронида шудаанд, ки имконият медиҳад, заминаҳои илмии асоснокшударо барои муайян намудани шароит дар ташаккулёбӣ ва мутобиқшавии хонандагон ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ гузошта шавад.

Рисолаи пешниҳодшуда масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ, баррасӣ ва муқоисаи вазъияту мушкилоти ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро дар назар дорад.

Мақсади ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, ин додани дониши тайёр набуда, балки хонандаро ба ҳосил намудан ва ба даст овардани дониш сафарбар намудан мебошад. Фарқияти байни «додани дониш» ва «ба даст овардан ва фаҳмидани он» ниҳоят калон аст. Касе умедвори донишро дар шакли тайёр ба даст овардан бошад, хато мекунад. Касе ба таври механикӣ донишро дар хотир нигоҳ доштанӣ бошад, бояд фаҳмад, ки он ба зудӣ аз хотири хонанда фаромӯш мешавад. Ақди мо аз он ҳақиқат ҷудо шуда наметавонад, ки донишро барои худ исботгардида ҳисобем. Дониши даркгардида ва ҳаматарафа дар таҷриба санҷидашуда метавонад дастоварди инсон ба ҳисоб равад, ки технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ аз мо дар ташаккули салоҳият иҷтимоии хонанда ҳаминро талаб менамояд.

Барои фаъол гардонидани таълим, муҳайё сохтани шароитҳои дидактикӣ ва психологии дарки таҳсилот зарур аст. Фаъол гардонидани таълим, ворид намудани хонандагон ба инкишофи зеҳнӣ, шахсиятӣ ва фаъолияти иҷтимоӣ яке аз мақсадҳои асоси мебошад ва дар ин самт мавқеи асосиро маҳорати касбии омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ишғол менамояд.

Муаллиф дараҷаҳои илмӣ, навгонӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти худро бо ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ муайян намудааст.

Ҳадафи таҳқиқоти диссертасионии унвонҷӯ ин ошкор намудани салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мебошад.

Дар кори илмӣ муҳаққиқ таҳқиқоти олимони тоҷик М. Лутфуллозода, Қ. Қодиров, И.Х. Каримова, Ф. Шарифзода, Ғ.Бобизода,

М.Аҳмадов, Д.Расулов, С.Туронов, Д.Имомназаров, А.Байзоев мавриди омӯзишу таҳқиқ карор додааст.

Унвонҷӯ қайд мекунад, ки яке аз самтҳои асосии беҳтар ва самараноки тайёр кардани хонандагон ташаккули мақсадноки салоҳияти коммуникативии онҳо ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир зарур аст, ки дар раванди таълим барои рушди маҳорати таҳлил ва таснифоти иттилоот дар доираи ҳамкории субъектҳо тамоми шароитҳо таъмин карда шаванд.

**Боби якуми** рисола - “**Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи салоҳиятҳои хонандагон дар раванди таълим**”оид ба технологияи ташаккули салоҳияти асосии хонандагон дар раванди таълим, дидактикаи ташаккули салоҳияти хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифати таълим, ташаккул додани маданияти зеҳнӣ маърифатӣ ва характери инсон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи мумӣ маълумот медиҳад.

Муаллиф вазифаи омӯзгорро дар ин ҷараён танҳо аз равона намудани фаъолияти хонандагон ба самти дилхоҳ барои ба даст овардани мақсадҳои гузошташуда иборат медонад. Усулҳои фаъоли таълимро омӯзгори ботаҷриба метавонад дар чунин лаҳзаҳои дарс: дар ҳолати ҳаяҷонӣ, мақомбахшии ибтидои дарс, фаъолгардонӣ ва ҳангоми ҳосил намудани донишҳои нав ва одаткунонӣ истифода барад.

**Боби дуюм**, ки “**Амсилаи педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**” мебошад, доир ба ташаккули салоҳияитҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва мониторинги сифати таълим ва самаранокии он дар ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон ба таври муфассал маълумот додааст.

Зикр мегардад, ки муҳайё будани шароити мусоиди таълим дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагон дар раванди таълим ниҳоят муҳим мебошад. Салоҳиятҳои асосии хонандагон дар чунин шакли ташкили ҷараёни таълимие зоҳир мегардад, ки дар раванди он тамоми хонандагон ба ҷараёни маърифат ва иҷтимоишавӣ фаро гирифта мешаванд.

Мундариҷа ва мазмуни асосии рисолаи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар автореферати диссертатсия дар шаклҳои тоҷикию русӣ инъикоси худро ёфтааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти

дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руи ихтисоси 6D010300 – Педагогика ва психология (6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи фанҳои
гуманитарии Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Сабуров У.С.

734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, куч. Наҳимова 64/14
Тел: (99273)231-0201, 93-555-62-64
Факс: (99273)231-08-37

Имзои Сабуров Убайдуллоро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадр ва
корҳои махсуси ДДМИТ Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

28.12.2023